**Тақриз**

ба автореферата диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Имрӯзҳо таъмини аҳолӣ бо маводди ғизоӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, олимону мутахассисони соҳаро водор месозад, ки пайи ин масъалаи рӯзмарра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро ба анҷом расонанд ва бо ин восита аҳолии кишварро тариқи зиёд намудани истеҳсоли меваҷоту сабзавот, ғалладонаю лӯбиёдонагиҳо бо ниёзи аввалия таъмин намоянд. Масъалаи таҳияи технологияҳои мутобиқшавандаи парвариши дарахтони мевадиҳандаи сермаҳсули ватанию хориҷиро вобаста ба минтақаҳои боғдории Тоҷикистон омӯхтан шарт ва зарур буда, бо ин роҳу восита дар таъмини талаботи аҳолӣ бо меваҷоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат карда метавонем. Дар баробари ин, навъҳои маҳаллӣ, навъҳои воридотӣ ва шаклҳои ёбоии дарахтони мевадиҳандаро бо роҳи парвариш дар шароити муайян омӯхтан ва ба истеҳсолот навъҳои пурмаҳсулро тавсия додан зарур мебошад.

Истифода намудани гуногуншаклии навъҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии себҳои Тоҷикистон дар илму истеҳсолот ва ҳифзи захираҳои генетикӣ яке аз ҷанбаҳои асосӣ ҳангоми ихтироъ намудани навъҳои нав барои боғдории интенсивӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд нақши ҳалкунандаро дар ихтирои навъҳои нав, интихоби ҷуфти волидайн, ки дорои маҷмӯи хусусиятҳои арзишнок ҳастанд, мебозанд.

Намозов Амонулло Каримхонович кори илмӣ-таҳқиқотии худро оид ба омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ дар шароити водии Ҳисор дар сатҳи баланд иҷро намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Бояд қайд кард, ки навгонии илмӣ аз он иборат аст, ки бори аввал омӯзиши агробиологии навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ, хусусиятҳо ва қонуниятҳои зуҳуроти нерӯи мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ояндадори себ вобаста ба тағйирёбии иқлим ва хосияти навъӣ дар шароити водии Ҳисор муайян карда, илман асоснок карда шудааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии Намозов А.К. нишон медиҳад, ки дар шароити водии Ҳисор 5 навъи маҳаллӣ (Гулсеб, Тирамоҳӣ, Шакарсеб, Чарсаксеб, Рауфӣ), 6 навъи воридотӣ (Фуджӣ, Старкримсон,

Голден Делишес, Ренети Симиренко, Айдаред, Розмарини сафед) ва 4 шакли ёбоӣ («Ҳ-30», «СЗ», «АИ-33», «АИ-65») иборат буд, ки барои санҷиши муқоисавӣ ва баҳо додан зери таҳқиқот қарор гирифта, тавсияҳо низ оид ба натиҷаи таҳқиқот ба истеҳсолот пешниҳод карда шудааст.

Дар интиҳо бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович кори илмии таҳқиқотии ба итмом расида ба ҳисоб рафта, дар он масъалаи озуқаврии ҷумҳурӣ, хусусан таъмини аҳолӣ бо меваҷоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дарҷ гардидааст, ки он бартарияти соҳаро дорад ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Муқарриз**

Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент,
мудири кафедраи агротехнологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Музафарзода Д.М.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: **muzafarov.davron@mail.ru**,
Тел.: (+992) 907-77-76-02; (+992) 918-28-54-94.

Имзои Музафарзода Д.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Тоирзода С.Т.

19.03.24

ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА